«Тасдиқ мекунам»:
Ректори «МДТ»Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________ Қурбонзода М.Р.
«___» _____________ с. 2026

**ХУЛОСАИ**

**«МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Файззода Рамазон ҳамчун унвонҷуйи кафедраи таърихи халқи тоҷики «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба шумор мерафт.

Файззода Рамазон соли 2010 шуъбаи рӯзонаи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (Бохтар) ба номи Носири Хусрав дохил шуда, соли 2014 зинаи бакалаврро хатм намуда, соли 2014 ба зиннаи магистратураи ҳамин донишгоҳ дохил шуда соли 2017 онро хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 26.02.2021 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадии унвонҷӯ Файззода Рамазон Хурсанд дар ҷаласаи Шурои олимони «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 25.10.2022, №03 таҳти унвони «Фаъолияти Кумита оид

ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум ибтидои солҳои 30-юми асри XX)» зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Давлаталӣ Халилович (Халилзода Давлаталӣ Халил) тасдиқ гардида буд. Мавзуи мазкур дар таърихи 28.07.2025. №2 дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА–082-и назди «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳимоя гардид. Аммо боназардошти ошкор гардидани баъзе камбудиҳо ва эродҳо комиссияи экспертӣ Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсия дар таърихи 22.10.2025, № 389/бд аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхон карда шуд.

Бо назардошти фармони мазкур ва эродҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавзуи рисолаи номзадии Файззода Рамазон Хурсанд аз «Фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум ибтидои солҳои 30-юми асри XX)» ба «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)», иваз шуда, бо қарори Шурои олимони «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, аз нав санаи 27.01.2026, №6 тасдиқ карда шуд.

Файззода Рамазон Хурсанд имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин бомуваффақият супоридааст: аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 17.06.2021 бо баҳои 4 (хуб), аз фанни таърих ва фалсафаи илм 31.01.2023 бо баҳои 4 (хуб) ва аз ихтисоси таърихи халқи тоҷик 14.02.2025 бо баҳои 5 (аъло). Аз 27.02.2025, №25/01-02 ба Файззода Рамазон Хурсанд маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 15.04.2026, №9

муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи: «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат дорад. Дар таҳқиқоти мазкур аҳамияти омӯзиши фаъолияти ниҳодҳои махсуси давлатӣ, аз ҷумла Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) муайян карда шудааст.

Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон (КБММЗ) дар низоми идоракунии давлатии он замон на танҳо ҳамчун як сохтори муқаррарии маъмурӣ, балки ҳамчун як ниҳоди стратегӣ ва омили калидии «муҳандисии иҷтимоӣ» зуҳур намуд. Мубрамияти ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки Кумита вазифаи мураккаби трансформатсияи низоми суннатии ҷомеаро ба зимма дошт. Ин раванд танҳо бо ҷалби занон ба корҳои ҷамъиятӣ маҳдуд нашуда, балки ҳадафи васеътар-таҷдиди куллии шуури иҷтимоӣ, аз байн бурдани монеаҳои мазҳабӣ-патриархалӣ ва фароҳам овардани заминаҳои нави ҳуқуқиву иқтисодиро барои зани тоҷик дунбол мекард.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати

занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 6 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷалаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ метавонанд истифода бурда шаванд.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шудааст. Мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб ба шумор меравад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ

иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо таҳия кардааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ муайян мекунад, ки занон имрӯз ҳам дар рушди давлатдории навин нақши ҳалкунанда мебозанд.

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. **Файззода Р.Х**. Деятельность комиссии по труду и жизненному благосостоянию женщин в Таджикистане // Вестник Таджикского национального университета. Серия общественных наук. – №12. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – ISSN 2074-1847, 2023– С.58-65.
2. **Файззода Р.Х**. Советский опыт привлечения женщин конце 20-х - начале 30-х годов хх векак производству в конце 20-х - начале 30-х годов

XX века / Алимов Д.Х., // Вестник Таджикского национального университета. Серия общественных наук. – №11. –2023– С.58-65.

3. **Файззода Р.Х**. Нақши кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз дар омодасозии кадрҳо аз ҳисоби занон// Паёми ДМТ. – 2024. – №12. – Қ.2. – С.50-54.

4. **Файззода Р.Х**. Нақши барпо кардани маъракаи 8-уми март дар фаъолгардонии ҳаёти ҷамъиятӣ сиёсӣ, иҷтимоӣ иқтисодӣ ва мадании занон / Алимов Д.Х.// Паёми ДМТ. – 2025. – №4. – С.81-88. Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. **Файззода Р.Х.,** Таҷрибаи шуравӣ ба истеҳсолот ҷалб кардани коргарон дар Осиёи Миёна (дар мисоли Тоҷикистону Узбекистон) охирҳои солҳои 20-ум ва аввали солҳои 30-юми асри XX / Ҷумаев С.А., // Международный научно-практический журнал ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ ENDLESS LIGHT In SCIENCE 25 ИЮНЯ 2023 Алматы, Казахстан ISSN 2709-1201 (с.1095-1099).
2. **Файззода Р.Х.,** Шуъбаҳои коргарзанҳо ва занҳои деҳқон солҳои охири 20-ум ва 30-юми асри XX / Баротова С.Ҷ., // Международный научно-практический журнал ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ ENDLESS LIGHT In SCIENCE 25 ИЮНЯ 2023 Алматы, Казахстан ISSN 2709-1201 (с.1089-1094).

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Кумитаи беҳдошти меҳнат ва маишати занон ҳамчун омили таҳаввулоти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон (солҳои 1928-1934)» барои ҳимояи такрорӣ ба Шурои

диссертатсионии 6D.КОА–082-и назди «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯй ихтисоси 6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики «МДТ» Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 15.04.2026 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раис: мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав н.и.т: Мирзоев Ғ.Ш.,

Котиби маҷлис: Қурбонова М.

Имзои Мирзоев Ғ.Ш ва М. Қурбоноваро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» : Исҳоқзода М.М.

«20» 04 с. 2026

**Нишонӣ:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел. 2-54-81 www. btsu.tj
E-mail: bgu-1978.@mail.ru